«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Директори Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, д.и.и., профессор, академики АИКТ
Пиризода Ҷ.С.
аз «30» 07 соли 2026

ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар ба диссертатсияи Олимзода Абдусаҳоби Сироҷидин дар мавзӯи: «Такмили зеркомплекси чорвои ширдеҳ ва самаранокии он (дар мисоли ноҳияҳои тобеи Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D050605 – Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ пешниҳод шудааст.

Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Навоварӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии Олимзода Абдусаҳоби Сироҷидин дар мавзуи «Такмили зеркомплекси чорвои ширдеҳ ва самаранокии он (дар мисоли ноҳияҳои тобеи Ҷумҳурии Тоҷикистон)», дар заминаи шиносномаҳои ихтисосҳои соҳаи илмҳои иқтисодӣ (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 майи соли 2023, № 6) аз рӯйи ихтисоси 6D050605-Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ таҳия шудааст. Диссертатсия ба бандҳои 3., 10., 13., 14., 42., 49., 51-и шиносномаи ихтисоси 6D050605-Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ мувофиқат мекунад.

Мубрам будани мавзуи диссертатсия. Дар шароити муосири рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи таъмини амнияти озуқаворӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии истеҳсолоти ватанӣ ва истифодаи самараноки захираҳои мавҷуда ба самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодии давлат табдил ёфтааст. Дар ин замина рушди соҳаи чорводорӣ, махсусан зеркомплекси чорвои ширдеҳ, аҳаммияти махсус касб менамояд. Чорводории ширдеҳ на танҳо яке аз бахшҳои муҳими истеҳсолоти кишоварзӣ ба ҳисоб меравад, балки ҳамчун манбаи асосии таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти серғизо ва ашёи хоми саноати коркарди маҳсулоти ширӣ низ нақши муҳим дорад. Аз ин рӯ, таҳқиқи масъалаҳои вобаста ба такмили зеркомплекси чорвои ширдеҳ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти он аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ аҳаммияти калон дорад. Бо ин мақсад, дар солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди соҳаи кишоварзӣ ва чорводорӣ як қатор барномаҳои давлатӣ қабул ва татбиқ гардидаанд, ки бо вуҷуди ин, сатҳи рушди зеркомплекси чорвои ширдеҳ ҳанӯз ба талаботи рӯзафзуни аҳолӣ ва ниёзҳои саноати коркард пурра ҷавобгӯ нест. Қисми муайяни маҳсулоти ширӣ то ҳол аз хориҷи кишвар ворид карда мешавад. Ин ҳолат аз он шаҳодат медиҳад, ки имкониятҳои истеҳсолии соҳа ба таври пурра истифода намешаванд ва зарурати ҷустуҷӯйи роҳҳои нави баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ба

миён омадааст. Дар ин замина, таҳқиқи илмии масъалаи баланд бардоштани самаранокии истеҳсоли шир дар шароити ноҳияҳои тобеи Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият медиҳад, ки омилҳои асосии рушди соҳа муайян гардида, роҳҳои амалии беҳсозии нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ва истеҳсолӣ пешниҳод карда шаванд. Инчунин, натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои таҳияи қарорҳои идоракунӣ дар сатҳи хоҷагиҳо ва сохторҳои давлатӣ ҳамчун асоси илмӣ хизмат намоянд. Аз ин рӯ, мубрам будани мавзуи диссертатсия аз зарурати рушди устувори зеркомплекси чорвои ширдеҳ, баланд бардоштани самаранокии он ва таъмини амнияти озуқавории кишвар бармеояд, ки муҳиммияти мавзуи таҳқиқотии мазкурро муайян менамоянд.

Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд. Аз таҳқиқоти илмӣ бармеояд, ки ба ақидаи диссертант ҳадафи таҳқиқоти диссертатсионӣ омӯзиш, таҳлил, коркард ва таҳқиқи ҷанбаҳои назариявӣ-услубии масъалаҳои таъмини самаранокии зеркомплекси чорвои ширдеҳ ва пешниҳодҳои амалии мушаххаси механизми ташкилӣ-иқтисодӣ, институтсионалӣ, ки устувории фаъолияти онро ноҳияҳои табеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бар мегиранд. Бинобар ин, диссертант барои расидан ба ин ҳадаф **вазифаҳои таҳқиқотро** пешниҳод намудааст. Аз таҳқиқи диссертатсия муайян гардид, ки нуқтаҳои зерин, ки ҳамчун унсурҳои навгонии илмӣ муаррифӣ гардидаанд, дар диссертатсия ва автореферати кори илмӣ мавҷуд буда, аз таҳлилу натиҷагириҳои муаллиф сарчашма мегиранд:

- асосҳои назариявӣ, моҳият ва мафҳуми самаранокии зеркомплекси чорвои ширдеҳ таҳлил ва аниқ шуда, нуқтаи назари муаллифии он мушаххас акси худро ёфтааст, модели зеркомплекси чорвои ширдеҳ, сохтор ва ҷузъҳои он, низоми нишондиҳандаҳои техникӣ-иқтисодӣ барои арзёбии муқоисавии самаранокии рушди чорводории самти ширдеҳ муайян ва таъсири онҳо ба маҳсулнокии ниҳоии соҳа пешниҳод гаштаанд;

- таҳлил ва омӯзиши таҷрибаи тараққиёти зеркомплекси чорвои ширдеҳ як қатор давлатҳои хориҷа, дар асоси онҳо тадбирҳои баланд бардоштани устуворнокии фаъолияти зеркомплекси маҳсулоти шири барои истифода дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, тавсия шудааст, ки самаранокии фаъолияти зеркомплекси мазкурро таъмин менамояд;

-арзёбии ҳолат ва рушди соҳаи чорводорӣ, самаранокии иқтисодӣ ва истеҳсоли он ташкили микрокластерҳо, алгоритми сохтории он, омилҳои таъсиррасони беруна ва дохилӣ, ки ба зиёд гаштани миқдори чорво, сохтори оқилонаи пода, ҳаҷми истеҳсоли шир, омилҳои таъсиррасони беруна ва дохилӣ, шакл ва тарзҳои нигоҳу бин, дар солҳои таҳлилии 2015-2024 арзёбӣ шуда низоми бозоргонӣ, афзоиши сатҳи даромаднокии истеҳсолот бо назардошти хусусиятҳои хоси соҳа ва методикаи натиҷабардории фаъолияти ниҳоии онҳо ҳамчун асоси рушди соҳаи чорвои ширдеҳ пешниҳод гаштааст.

-самтҳои асосии ташаккули технологияҳои инноватсионии соҳаи чорвои самти ширдеҳ, таъсиси корхона ва ташкилотҳои аввалаи истеҳсол ва коркарди ниҳоии шир, модели кластери соҳаи чорвои калони шохдор

самти ширдеҳ аз он ҷумла таркиб ва ядрои он инчунин таъсиси кластер дар НТҶ тавсия шудаанд, ки мавқеи хосро ишғол менамоянд, кумаки давлат, оиди дастгирии соҳаи чорводоӣ самти ширдеҳ, низоми истифодаи оқилонаи маблағгузорӣ, грантҳо алгоритми гирифтани субсидияҳо, ки барои рушди саршумори чорвои ширдеҳ, методикаи муайян намудани онҳо, ки самаранокии зеркомплекси чорвои самти ширдеҳро дар шароити ҳозираи ҷумҳурӣ мусоидат менамояд, пешниҳод гаштаанд.

Дар диссертатсия натиҷаҳои зерини назариявӣ ва амалӣ ба даст оварда шуданд, ки ба назари муаллиф шомили нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда мебошанд:

- моҳият, мафҳум ва назарияи самаранокии зеркомплекси чорвои ширдеҳ сохтори фаъолияти он ва омилҳои таъсиррасон инчунин нишондиҳандаҳои асосии ташкилӣ-технологӣ ва иқтисодӣ, модели зеркомплекси чорвои самти ширдеҳ, дар миқёси макро-микро иқтисодӣ муайян ва назари муаллиф нисбати он таҳия ва пешниҳод гардида, дар асоси таҳлил ва омӯзиши таҷрибаи тараққиёти зеркомплекси чорвои ширдеҳ як қатор давлатҳои хориҷа, истифодаи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, тавсия шудааст;

- арзёбии ҳолати воқеии соҳаи чорвои калони шохдори самти ширдеҳ дар низоми кунунии рушди истеҳсоли маҳсулот, самаранокии он бо назардошти технологияи пешқадами нигоҳубин, ки рушди соҳаро таъмин менамоянд акси худро ёфтаанд;

- ташкили микрокластер, таркиб ва ядро ва таъсири онҳо ба рақобатпазирӣ,марҳилаи амали гаштан, равишҳои консептуалии ташаккули технологияҳои пешқадам, ки ба самаранокии соҳа таъсири мусбӣ расонида, афзоиши онҳоро таъмин менамоянд, пешниҳод шудаанд;

- дастгирии давлат бахши мазкурро дар асосси низом ва вазифаҳои таҳияшуда оид ба танзими афзоиши саршумор ва маҳсулнокии чорвои ширдеҳ, самаранокии истифодаи оқилонаи инвеститсия, субсидияҳо, алгоритми гирифтани онҳо ва тарзи муайян намудани онҳо мушаххас пешниҳод гардидааст.

Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаву пешниҳодҳои диссертатсия ва дараҷаи илмии онҳо гувоҳи он аст, ки диссертант аз омӯзиш, таҳлил, натиҷабардории адабиёти илмӣ-амалӣ, тахассусӣ, ақида ва диди олимони соҳа оид ба мавзуи кори илмии мазкур моҳияти категорияи иқтисодии самаранокиро пешниҳод намуда, самт, омилҳо, унсурҳои таркибии равандҳои истеҳсолот ва таъсири онҳо ба натиҷаи ниҳоии зеркомплекси соҳаи чорвои ширдеҳро ҳамчун қувваи таъминкунандаи пешрафти ҷамъият ва хусусиятҳои онҳоро муайян намудааст. Ҳамчунин, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот бо истифодаи аниқ ва мақсадноки сарчашмаҳои оморӣ оид ба мушкилоти таҳқиқшаванда, ҳаҷми иттиллооти истифодашудаи аввалия тасдиқ карда шудааст ва ин ба унвонҷӯ имконият додааст, ки таҳлили амиқи самаранокии мавзуи таҳқиқшавандаро бо назардошти меъёрҳои муайян арзёбӣ намуда, онҳоро ба 4 усул гурӯҳбандӣ карда, ҳамзамон омилҳои таъсиррасон ба микрокластери чорвои ширдеҳро дар

минтақа мавриди таҳлил қарор дода, бо ин мақсад модели кластери чорвои ширдеҳро дар минтақаҳои ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ пешниҳод намудааст. Хулосаҳо ва тавсияҳо бо таҳлили илмии натиҷаҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ асоснок карда шудаанд.

Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи он. Баҳодиҳии диссертатсия нишон дод, ки асосҳои назариявии таҳқиқот ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалӣ метавонад барои баланд бардоштани самаранокии иқтисодии зеркомплекси чорвои ширдеҳ ҳамчун асосҳои методӣ ва амалӣ хизмат намоянд. Тавсияҳо ва натиҷаҳое, ки муаллиф пешниҳод намудааст метавонад имконият диҳанд, ки натиҷаҳои илмӣ доир ба самтҳои асосии баланд бардоштани самаранокии чорвои ширдеҳ дар мисоли ноҳияҳои тобеи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор дода шаванд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки тавсияҳо ва пешниҳодҳои илман асоснокшудае, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ коркард шуданд метавонанд дар ҷараёни таҳияи консепсия, стратегия ва барномаҳои рушди зеркомплекси чорвои самти ширдеҳ дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ истифода бурда шаванд ва ба вазъи **иқтисодӣ ва иҷтимоии** кишвар таъсири мусбат расонанд.

Мазмуни кори диссертатсионӣ

Дар муқаддима мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ, дараҷаи омӯзиш ва арзёбии масъалаҳо, алоқамандии таҳқиқоти диссертатсионӣ бо барномаҳо ва стратегияҳои давлатӣ, муайян намудани мақсад, вазифаҳо, объекти таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот ва нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ба таври мухтасар дарҷ гардидаанд.

Дар боби якуми диссертатсия "Моҳияти назариявии самаранокии зеркомплекси чорвои ширдеҳ" асосҳои назариявӣ-илмии самаранокии зеркомплекси чорвои ширдеҳ (С.17-34), нишондиҳандаҳои асосии самаранокии рушди зеркомплекси чорвои ширдеҳ (С.34-50) ва таҷрибаи хориҷии тараққиёти зеркомплекси чорвои ширдеҳ (С.50-66) баррасӣ гардидаанд.

Нуқтаҳои ҷолибтарини ин боб инҳо мебошанд: муаллиф тафсири мафҳуми «Самаранокӣ»-ро бо назардошти ақидаҳои як қатор олимон дар ҷадвали 1.1., саҳ. 23-25 нишон дода; усулҳои асосии меъёрҳои арзёбии самаранокиро дар ҷадвали 1.2., саҳ. 26 муаррифӣ намудааст, инчунин дар заминаи таҳқиқу таҳлилҳо муаллиф омилҳое, ки ба арзиш, нархи фурӯш ва ҳаҷми истеҳсоли шир таъсир мерасонанд дар ҷадвали 1.3., саҳ. 31 тасниф намудааст; модели зеркомплекси чорвои ширдеҳ, сохтор ва ҷузъҳои он бо нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти истеҳсолӣ, коркард ва хизматрасонии он барои аҳолӣ дар расми 1.1., саҳ. 34 пешниҳод шудааст; низоми нишондиҳандаҳои техникӣ-иқтисодӣ барои арзёбии муқоисавии самаранокии рушди чорводории самти ширдеҳ дар ҷадвали 1.4., саҳ. 36 баррасӣ шуда, дар расми 1.2., саҳ. 38 нишондиҳандаҳои баҳодиҳии самаранокии рушди чорводории ширдеҳ дар сатҳи микроиқтисодӣ дар хоҷагӣ натиҷагирӣ шудааст; сохтори фаъолияти зеркомплекси шир ва самаранокии он дар расми 1.3., саҳ. 41 пешниҳод шуда, дар ин росто

низоми алоқамандии омилҳои таъсиррасон вобаста аз маҳсулнокии чорво ва самаранокии он дар ҷадвали 1.5., саҳ. 45 мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст; ҳамчунин зимни омӯзиши таҷрибаи хориҷии мавзуи баррасишаванда муаллиф таҷрибаҳои давлатҳои хориҷиро оиди амалӣ гаштани микрокластери зеркомплекси маҳсулоти ширӣ дар ҷумҳурии мо онро дар расми 1.4., саҳ. 63 пешниҳод намудааст.

Дар боби дуюми диссертатсия "Ҳолати муосири рушди зеркомплекси чорвои ширдеҳ (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)" вазъи муосири соҳаи чорводории самти ширдеҳ (С.67-82) ва ҳолати ташкилӣ – истеҳсолӣ ва самаранокии зеркомплекси чорвои ширдеҳ (С.89-102) баррасӣ шудаанд.

Муаллиф дар бобу зербобҳои он динамикаи саршумори чорво дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҷадвали 2.1., саҳ. 70), саршумори чорвои калони шохдор ва модагов аз рӯйи минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҷадвали 2.2., саҳ. 71), динамикаи саршумори чорво аз рӯйи категорияҳои хоҷагиҳои НТҶ (ҷадвали 2.3., саҳ. 72), истеҳсоли маҳсулоти асосии соҳаи чорводорӣ дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҷадвали 2.4., саҳ. 73), динамикаи ҳаҷми истеҳсоли шир дар хоҷагиҳои НТҶ дар солҳои 1991-2024 (ҷадвали 2.5., саҳ.74), динамикаи ширдӯшӣ аз 1 сар модагов дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (ҷадвали 2.6., саҳ. 75), ҳосилнокии зироатҳои асосии хӯрокаи чорво дар хоҷагиҳои НТҶ (ҷадвали 2.7., саҳ. 78), сарфи хӯрока ба як воҳиди истеҳсоли шир дар НТҶ (ҷадвали 2.8., саҳ. 80), нишондиҳандаҳои муқоисавии интенсификатсияи соҳаи чорводории ширдеҳ, ба ҳисоби миёна дар ҷумҳурӣ ва дар НТҶ (ҷадвали 2.9., саҳ. 85), нишондиҳандаҳои асосии соҳаи чорводории самти ширдеҳ (ҷадвали 2.10., саҳ.87), миқдори коргарон ва хароҷоти меҳнат дар хоҷагиҳои мушаххас (ҷадвали 2.11., саҳ. 90), ҳайат ва сохтори коргарони фермаи чорвои калони шохдор дар хоҷагиҳои мавриди таҳқиқ қарордошта (ҷадвали 2.12., саҳ. 92), сатҳи баркмусаллаҳии меҳнат дар хоҷагиҳо (ҷадвали 2.13., саҳ. 94), вобастагии меҳнатталабии истеҳсолот аз сатҳи механикунонӣ дар хоҷагиҳо (ҷадвали 2.14., саҳ. 95), истеҳсоли шир дар хоҷагиҳои чорводорӣ (ҷадвали 2.15., саҳ. 96), самаранокии истеҳсоли шир дар хоҷагиҳои чорводории ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (ҷадвали 2.16., саҳ. 97)-ро мавриди таҳлилу натиҷагирӣ қарор додааст.

Дар боби сеюми диссертатсия "Самтҳои асосии рушди зеркомплекси чорвои ширдеҳ дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ" ташкили кластер ва микрокластерҳо ҳамчун омили рушди зеркомплекси чорвои ширдеҳ (С.103-125), технологияи замонавӣ-инноватсионӣ чун самти афзалиятноки самаранокии зеркомплекси чорвои ширдеҳ (С.125-145) ва батанзимдарорӣ ва такмили давлатии зеркомплекси чорвои ширдеҳ яке аз роҳҳои тараққиёт дар шароити муосири иқтисодӣ (С.145-164) пешниҳод гардидаанд.

Нуқтаҳои муҳимтарини ин боб модели кластери соҳаи чорвои калони шохдори самти ширдеҳ (расми 3.1., саҳ. 107), таркиби кластери соҳаи чорвои калони шохдори самти ширдеҳ (расми 3.2., саҳ.109), таъсири кластерҳо ба рақобатнокии ташкилотҳо ва соҳаҳои аъзоёни он (расми 3.3., саҳ. 111), марҳила ва тартиби ташкилии кластери маҳсулоти ширӣ (расми 3.4., саҳ. 113), маълумотҳои аввала барои ҳисоб намудани

нишондиҳандаҳои амиқи таъсиси микрокластер дар НТҶ (ҷадвали 3.1., саҳ. 116), муайян намудани коэффитисенти махсусгардонии ноҳияҳо дар НТҶ (ҷадвали 3.2., саҳ. 117), саршумор, истеҳсол ва маҳсулнокии ЧКШ (модаговҳо) дар корхонаҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ (ҷадвали 3.3., саҳ. 118), нишондиҳандаҳои умумии микрокластер дар миқёси НТҶ (ҷадвали 3.4., саҳ. 120), алгоритми ташкили микрокластери инноватсионӣ дар чорводории ширдеҳи ноҳия ё минтақаи махсус (расми 3.5., саҳ.121), сохтори ҳамкории муштарак байни ташкилотҳои микрокластери чорвои ширдеҳ (расми 3.6., саҳ.123), самтҳои инноватсионӣ ва механизми навовариҳо барои таъмини рушди соҳаи чорводории самти ширдеҳ (расми 3.7., саҳ. 129), саҳми модели консептуалии инноватсионӣ дар баландбардории сифати хӯрокаи чорво (расми 3.8., саҳ. 133), нақшаи хӯрокаи чорвои ширдеҳ ба 1 сар. в.х (ҷадвали 3.5., саҳ.139), меъёрҳои харочоти меҳнат (вақт) барои иҷрои равандҳои технологӣ ҳангоми истеҳсоли шир дар ферма (барои 400 сар) бо усули нигоҳубин бо тарзи оғилӣ (ҷадвали 3.6., саҳ.139-140), меъёрҳои харочот барои иҷрои корҳо дар истеҳсоли шир дар ферма (барои 400 сар) бо нигоҳубин бо усули набастани чорвои ширдеҳ, дақиқа /1-рӯз (ҷадвали 3.7., саҳ.140-141), нақшаи хӯроки чорвои ширдеҳ барои 1 сар чорво, (ҷадвали 3.8., саҳ. 141), нишондиҳандаҳои арзишии истеҳсоли шир бо тарзҳои гуногуни нигоҳубини чорвои ширдеҳ (ҷадвали 3.9., саҳ.143), сохтори харочоти ҷории истеҳсоли шир бо тарзҳои гуногуни нигоҳдории 400 сар чорвои ширдеҳ (ҷадвали 3.10., саҳ.145), низом, вазифаҳо оид ба дастгирии чорводории ширдеҳ (расми 3.9., саҳ.147), ҳолати таъмини талаботи аҳолӣ ба маҳсулоти соҳаи чорводорӣ дар НТҶ (ҷадвали 3.11., саҳ. 153), низоми чорабиниҳои самаранокии истифодабарии маблағгузориҳо дар соҳаи кишоварзӣ ва чорводории ЧКШ самти ширӣ (ҷадвали 3.12., саҳ. 157), алгоритми гирифтани субсидия барои зиёд кардани саршумори чорвои ширдеҳ (расми 3.10., саҳ. 158) ва меъёрҳои пардохтшаванда дар доираи барномаи дастгирии давлатӣ ба чорводории ширдеҳ дар ҷадвали 3.13., саҳ.159 натиҷагирию баҳодиҳӣ шудааст.

Дар хулоса натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмии диссертант ҷамъбаст гардида, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот пешниҳод гардидаанд.

Ҳамин тавр, диссертатсияи пешниҳодгардида аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулосаю пешниҳодҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашударо фаро мегирад. Матни асосии диссертатсия дар 188 саҳифаи компютерӣ баён гардида, фарогири 35 ҷадвал, 14 расм мебошад.

Диссертатсияи Олимзода Абдусаҳоби Сироҷидин дар мавзуи "Такмили зеркомплекси чорвои ширдеҳ ва самаранокии он (дар мисоли ноҳияҳои тобеи Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D050605 – Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ пешниҳод шудааст, бо забони давлатӣ навишта шуда, кори илмии хуб анҷомдодашуда, фарогири навгониҳои назариявию услубӣ ва амалӣ буда, хулоса ва натиҷаҳои таҳқиқот ҷавобгӯйи талабот мебошанд.

Диссертант ва рисолаи илмӣ зинаҳои гуногуни санҷишҳоро бомуваффақият паси сар намудаанд.

Матни автореферати Олимзода Абдусаҳоби Сироҷидин дар ҳақиқат фишурдаи муҳтавои матни диссертатсияи номбурда мебошад.

Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаҳои илмӣ. Марҳилаҳои иҷрои кори диссертатсионӣ, аз қабили интихоби мавзуъ, баррасии масоили гуногуни иқтисодӣ, натиҷагирӣ ва пешниҳодҳо бо иштироки худи диссертант сурат гирифтааст. Саҳми шахсии довталаб дар таҳқиқ ва татбиқи истифодаи амалии таҷрибаи ҷаҳонии тараққиёти соҳаи чорводории самти ширдеҳ дар Тоҷикистон ва НТҶ, арзёбии вазъи кунунӣ ва муайянкунии омилҳои таъсиррасон ба рушди он, пешниҳоди микрокластерҳо, ташкили сохтор ва методикаи натиҷагирии фаъолияти ниҳоии онҳо, ташаккулу татбиқи технологияҳои инноватсионӣ дар истеҳсол ва самаранокии ширу маҳсулоти ширӣ, дастгирии давлатии рушди чорвои ширдеҳ, низоми самаранокии истифодаи маблағгузориҳо, алгоритми гирифтани субсидияҳо ва тарзи муайян намудани онҳо чун омили рушди зеркомплекси чорвои ширдеҳ имконият фароҳам овардааст. Бояд гуфт, ки натиҷаи илмии бадастомадаи диссертатсияи Олимзода А.С. метавонад ҳангоми таҳияи ҷанбаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии такмили самаранокии зеркомплекси чорвои ширдеҳ истифода шавад.

Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ. Аз маводҳои пешниҳоднамудаи Олимзода Абдусаҳоби Сироҷидин бармеояд, ки тахассуси илмии ӯ ба ихтисоси илмии дархосшаванда 6D050605 - Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ мувофиқат мекунад.

Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ. Интишороти муаллиф нуқтаҳои асосӣ, навгониҳо, иқтибосҳои илмӣ ва хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия дарҷгардидаро фарогир буда, дар маҷмуъ аз рӯйи мавзуи диссертатсия 14 мақолаҳои илмии муаллиф, аз он ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои (нашрияҳои) тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботҳои Комиссия. Диссертатсияи Олимзода Абдусаҳоби Сироҷидин ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267, аз 30 июни соли 2021) (минбаъд-Тартиб) ҷавобгӯй мебошад. Муқаддима, мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқоти мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, навгониҳои илмии таҳқиқот, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия тибқи муқаррароти Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссия аз 31 марти соли

2022, №3) таҳия гардида, ба таври мукаммал моҳияти диссертатсияро дар бар гирифтаанд.

Дар баробари ҷиҳатҳои мусбӣ дар диссертатсия баъзе норасоӣ ва камбудиҳо низ мавҷуданд, ки ба инобат гирифтани онҳо барои таҳқиқотҳои ояндаи диссертант самаранок арзёбӣ мегарданд:

1. Дар боби 1.1-и диссертация саифаи 17 омадааст, ки сабаби асосии қафомонии соҳаи зермаҷмӯи чорвои ширдеҳ ин норасоии техника ва технологияи инноватсиинӣ мебошад. Хуб мешуд, ки муаллиф оид ба чорвои ширдеҳи аҳолӣ, ки он 96% - ро дар ҷумҳурӣ ташкил медиҳад, ҳамчун сабаби дигари қафомонии соҳа илман асоснок менамуд.

2. Барои самаранок ғизодиҳии чорво таносуби байни моддаҳо ва рушди муътадили чорво, танзими равандҳои биологӣ муҳим шуморида шудааст (саҳ 43). Беҳтар мебуд агар муаллиф барои баланд бардоштани ҳосили зироатҳои хӯроки чорво ба пуррагӣ истифодаи истеҳсоли гидропоникиро дар истеҳсолот пешниҳод мекард.

3. Яке аз сабабҳои афзоиши чорво дар минтақаҳо талаботи замон мебошад, ки ин тамоюл дар вилояти Суғд бештар дида мешавад (саҳ 71), аммо дар матни диссертатсия вобаста ба зиёд шудани саршумори чорвои калони шохдор ва инфрасохтори замонавии соҳа дар ноҳияҳои вилояти Суғд оварда нашудааст.

4. Дар таҳқиқоти мазкур харитаи технологии равандҳои асосӣ оид ба истеҳсоли шир барои фермаи чорвои калони шохдори самти ширдеҳ бо иқтидори 400 сар модаговҳо ва маҳсулнокии солонаи 5000 кг шир аз як сар чорво бо назардошти усули оғилӣ (бастан) ва набастани чорво-катакӣ, майдончаҳои махсус, фаршҳои бо қабатҳои изолятсионӣ муҷаҳҳаз тавсия намудаасд.

Ба мақсад мувофиқ мебуд агар муаллиф ҳамин тавсияҳоро дар фермаи чорвои калони шохдори ширдеҳи зотӣ мушаххас пешниҳод менамуд.

5. Дар матни кори диссертатсионӣ баъзе ибораҳо такрор шудааст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки камбудиҳои пешниҳодгардида хусусияти тавсиявӣ дошта, мазмуни аслии диссертатсияро коста намегардонанд.

Хулосаи умумӣ доир ба диссертасия. Диссертатсияи Олимзода Абдусаҳоби Сироҷидин дар мавзуи "Такмили зеркомплекси чорвои ширдеҳ ва самаранокии он (дар мисоли ноҳияҳои тобеи Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D050605 – Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ пешниҳод шудааст, таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267, аз 30 июни соли 2021) ҷавобгӯй мебошад. Муаллифи диссертатсия - Олимзода Абдусаҳоби Сироҷидин арзандаи гирифтани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D050605 – Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи шуъбаи омӯзиши равандҳои кластеркунонӣ дар комплекси агросаноатии Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии

рушди кишоварзии АИКТ муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (суратмаҷлиси №_6_ аз _27_ июни соли 2026). Дар ҷаласа иштирок доштанд: 11 нафар. Натиҷаи овоздиҳии кушод: Тарафдор 11-нафар, Зид – нест, Бетараф – нест.

Раиси ҷаласа:
директори Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ, д.и.и., профессор, академики АИКТ Пиризода Ҷ.С.

Ташхисгар:
Мудири шуъбаи омӯзиш ва мониторингӣ амнияти озуқавории Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ, н.и.и. Амиров Н.И.

Котиби ҷаласа
Ходими пешбари илмии шуъбаи омӯзиш ва мониторингӣ амнияти озуқавории Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ Шоазизова М.Д.

Имзоҳои Пиризода Ҷ.С., Амиров Н.И., ва Шоазизова М.Д.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори шуъбаи кадрҳои Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ Баротова Ш.У.

29.07.26

Суроғаи Институт:
Рудакӣ 17, 734025, Душанбе, Тоҷикистон
Тел: (+992 37) 2217711; 2214796
E-mail: tnu.int.re@gmail.com
Веб-сайт: www.tnu.tj